САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПРЕМЬЕР - МИНИСТР
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ ва муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Давлаталӣ Саид шинос карда шаванд.*

**Вазорати рушди иқтисод ва савдо**
**Вазорату идораҳо (тибқи рӯйхат)**

Барои корбарӣ тибқи тартиби муқаррargардида.

*Исмоилзода Х.И.*

**Қоҳир Расулзода**

№ 21396 (22.6)
«21» 06 2022

ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Бохтар 37
тел./факс:(+ 992 37) 221-46-23; 221-94-63;

№ 1013-411 аз 10. 06. 22

Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо мақсади татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва милликунонии Ҳадафҳои рушди устувор тибқи низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №1282 тасдиқ шудааст сенздаҳ гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд. Дар ин гурӯҳҳои корӣ аз рӯи самти фаъолият вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ ва шарикони рушд шомил мебошанд.

Дар доираи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ мушкилоти татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, тадбирҳои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои рушди устувор, фаъолияти вазорату идораҳо ва татбиқи барномаҳои соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, масъалаҳои ҳалталаб ва тавсияҳо ҷиҳати ҳалли онҳо ба ҷаласаҳои Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Тибқи бандҳои 20-21 қисми 6 Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шӯро Гурӯҳи кории 14-ум оид ба маблағгузории Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ
№ 21396
«16» 06 с. 22
4 САҲИФА
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

1540

таъсис дода шуда, ҷаласаи якуми он дар вазорат 31 августи соли 2021 баргузор карда шуд.

Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти мунтазами чаҳордаҳ гурӯҳи кории Шӯрои миллии рушд ва тақвият бахшидани иқтидори кормандони мақомоти давлатӣ ҳамчун аъзои гурӯҳҳои корӣ зарурати баргузории ҷаласаҳои онҳо ва семинарҳои омӯзишӣ ба миён омадааст (ҷадвал замима мегардад).

Вобаста ба ин дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазорату идораҳо ҷиҳати баргузор намудани чорабиниҳои қайдгардида ва таъмини иштироки аъзои гурӯҳҳои корӣ дар онҳо эҳтиромона мепурсем.

Бо эҳтиром,
Вазир Завқизода З. А.

# Ҷадвали баргузории ҷаласаҳои Гурўҳҳои кории байниидоравии Шўрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | Июн | | | | | | | | | | | | Июл | | | | | | | | | | | | | | Август | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 3 | 4 | 17 | 18 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 28 | 29 | 30 | 1 | 5 | 6 | 7 | 9 | 12 | 13 | 14 | 15 | 19 | 21 | 22 | 28 | 29 | 2 | 3 | 4 | 11 | 12 | 16 | 17 | 18 | 19 | 23 | 24 |
| Гурўҳи 1. Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерўи барк | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 2. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 3. Таъмини амнияти озукаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 4. Саноатикунонии босуръати кишвар ва диверсификатсияи содирот | | | $X^1$ | $X^1$ | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 5. Вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул | $X^1$ | $X^2$ | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | X | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 6 . Таҳсилоти босифат | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 7. Тандурустӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 8. Ҳифзи иҷтимоӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 9. Самаранокии низоми идоракунии давлатӣ ва волоияти конун | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 10. Идоракунии ҳамаҷонибаи захираҳои об | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | |
| Гурўҳи 11. Ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавкулода ва тағйирёбии иклим | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | |
| Гурўҳи 12. Баробарии гендерӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | |
| Гурўҳи 13. Мониторинг ва арзёбӣ | | | | | | | | | | | | | | | | X4 | | | | X4 | | | X4 | | X4 | | | | X4 | X4 | | | | $X^2$ | $X^2$ | | |
| Гурўҳи 14. Маблағгузории СМР/ҲРУ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ |

X1 – ҷаласа ва семинари ГК ШМР оид ба баррасии лоиҳаи барномаи соҳавӣ, сохтори «Барномаи омўзиш ва таъмини шуғли ҷавонон, занон ва маъюбони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2030», системаи мониторинг ва арзёбӣ.

X2 - тренингҳо ГК ШМР оид ба асосҳои банақшагирии стратегӣ, сафарбаркунии захираҳо, системаи мониторинг ва арзёбӣ (машқҳои амалӣ)

X3 - ҷаласаи ГК ШМР оид ба муаррифии лоиҳаи ниҳоии Барнома

X4- Тренингҳои ГК 13 оид ба мониторинг ва арзёбӣ

| | Сентябр | | | | | | | | | | | | Октябр | | | | | | | | | Ноябр | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 6 | 7 | 13 | 14 | 15 | 16 | 20 | 21 | 22 | 23 | | | 4 | 5 | 13 | 14 | 20 | 21 | 25 | 26 | | 3 | 4 | 8 | 9 | 10 | 11 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| Гурўҳи 1. Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерўи барк | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 2. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 3. Таъмини амнияти озукаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 4. Саноатикунонии босуръати кишвар ва диверсификатсияи содирот | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 5. Вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул | $X^1$ | $X^1$ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 6 . Таҳсилоти босифат | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 7. Тандурустӣ | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 8. Ҳифзи иҷтимоӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 9. Самаранокии низоми идоракунии давлатӣ ва волоияти конун | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | | | | |
| Гурўҳи 10. Идоракунии ҳамаҷонибаи захираҳои об | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | | | |
| Гурўҳи 11. Ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавкулода ва тағйирёбии иклим | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | | | |
| Гурўҳи 12. Баробарии гендерӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | | | |
| Гурўҳи 13. Мониторинг ва арзёбӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ | | |
| Гурўҳи 14. Маблағгузории СМР/ҲРУ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | $X^2$ | $X^2$ |

*ҷадвали тахминӣ, санаҳо бояд тағйир дода шаванд